ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Садриддинзода Бахтовар Садриддин дар мавзуи «Асосҳои методии таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар омодасозии мутахассисони самти информатика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика).

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Садриддинзода Бахтовар Садриддин дар мавзуи «Асосҳои методии таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар омодасозии мутахассисони самти информатика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 26-уми сентябри соли 2026 протоколи №1 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. **Ҷуразода Хайруллоҳ Шароф** – узви шуро, доктори илмҳои физика-математика аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ) - раиси комиссия.

2. **Абдураҳимов Алимурод Одинаевич** – узви шуро, номзади илмҳои физика-математика аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика (таҳсилоти касбӣ) – узви комиссия;

3. **Мавлоназаров Силмон Силтоназарович –** номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ) – узви комиссия.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсионии Садриддинзода Бахтовар Садриддин-ро омӯхта, чунин мешуморад, ки он таҳқиқоти баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, ба татбиқи Барномаи бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020–2040 дар соҳаи илму маориф бахшида шудааст. Мақсади таҳқиқот аз асоснок намудани методикаи таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ бо истифода аз тадқиқоти таҷрибавӣ дар раванди омодасозии информатикони оянда иборат мебошад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар омодасозии касбии информатикони оянда омӯзиши моделсозии математикӣ ва компютерӣ бо як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ алоқаманд мебошад. Бинобар ин, муаллиф дар диссертатсия роҳҳои такмили таълими моделсозии математикӣ ва компютериро тавассути истифодаи тадқиқоти

таҷрибавӣ баррасӣ намуда, усулҳои мувофиқи ташкили фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотии донишҷӯёнро пешниҳод кардааст. Ҳалли ин масъалаҳо ба ташаккули малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва амалии донишҷӯён мусоидат намуда, мубрамияти мавзӯи таҳқиқотиро муайян менамояд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои моделсозии математикӣ ва компютерӣ, методикаи таълим, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ва ташаккули малакаҳои касбии донишҷӯён бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот аз усулҳои зерин истифода гардидааст: усулҳои назариявӣ ва илмӣ-методӣ, таҳлили адабиёти илмӣ ва таълимӣ-методӣ, муқоиса, ҷамъбаст, мушаххаскунӣ, моделсозии математикӣ ва компютерӣ, тадқиқоти таҷрибавӣ, мушоҳида, пурсиш, санҷиш, суҳбат, баҳодиҳӣ, худбаҳодиҳӣ, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти омӯзгорон ва донишҷӯён, таҷрибаи педагогӣ ва усулҳои оморӣ.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили асосҳои илмӣ-назариявии масъалаи таҳқиқшаванда муаллиф имконият пайдо намудааст, ки моҳият, хусусиятҳо ва имкониятҳои методикаи таълими моделсозии математикӣ ва компютериро муайян намуда, адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзӯъ, инчунин адабиёти умумидидактикӣ ва назариявиро оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим мавриди омӯзиш қарор диҳад. Ҳамзамон, таҷрибаи пешқадами педагогӣ омӯхта ва ҷамъбаст гардида, усулҳои эмпирикӣ, аз ҷумла суҳбат ва пурсишнома, барои ҷамъоварии маълумоти зарурӣ истифода шудаанд. Далелу маълумоти дар ҷараёни тадқиқоти таҷрибавӣ бадастомада таҳлил ва ҷамъбаст гардида, натиҷаҳои он муқоиса ва арзёбӣ шудаанд. Маълумоти бадастомада бо истифода аз нишондиҳандаҳои сифатӣ ва усулҳои миқдорӣ коркард гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маълумоти оморӣ таҳлил шудаанд.

Дар асоси чунин муносибат ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар қисми озмоишӣ-таҷрибавии диссертатсия корҳои омӯзишӣ-ҷустуҷӯиро ба роҳ монда, адабиёти зарурирo таҳлил намояд, имкониятҳои истифодаи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои касбиро дар фаъолияти таълимӣ муайян созад ва корҳои таҷрибавию озмоширо дар раванди таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ ташкил намояд. Дар доираи таҳқиқоти таҷрибавӣ масъалаҳои рушди малакаҳои таҳлилӣ ва эҷодии донишҷӯён, омӯзиши моделҳои иқтисодӣ, моделсозии раванди афтиши озоди ҷисм, инчунин моделсозии равандҳои тиббӣ ва иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва санҷиш қарор гирифтаанд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси **5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика)** мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқ аст.

Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 5.3.10 – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиию риёзӣ) (5.3.10.3 – Назария ва технологияи таълими информатика) мутобиқат мекунад: банди 1.1. Назария ва технологияи таълими информатика; банди 1.2. Баҳодиҳии сифати таълими информатика; банди 1.3. ТИК дар зинаҳои гуногуни таълим; банди 1.4. Робитаи байнифаннии информатика бо дигар фанҳо; банди 2.3.Иртиботи байнифаннӣ дар илми технологияи таълим; банди 2.4.Усул (принсипҳо) ва технологияҳои таҳқиқотӣ дар раванди таълим; банди 2.5. Стандартҳои илмият ва меёрҳои баҳодиҳии донишҳо аз информатика; 2.6.Ташаккули мактабҳои илмӣ дар технологи таълим; банди 2.7.Методологияи таҳқиқоти таърихӣ – таълимӣ. Ҷанбаҳои методологияи фаъолияти таълим. Усулҳои баландбардории сифати таълим; банди 2.8. Коркарди технологияи таҳқиқоти раванди таълим; банди 2.9. Таҳқиқотҳои муқоисавӣ дар таълим.

Дар умум, муаллиф Садриддинзода Бахтовар Садриддин ҳадаф ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳал намудааст. Хулосаҳои диссертатсия ба натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфта, мазмун ва муҳтавои рисола мутобиқи мантиқи таҳқиқоти илмӣ шакл гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф қобилияти хуби таҳқиқотӣ нишон дода, масъалаҳои марбут ба таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ, истифодаи тадқиқоти таҷрибавӣ дар раванди таълим ва омодасозии касбии информатикони ояндаро пайгирӣ намудааст. Натиҷаҳои илмии диссертатсия барои рушди назария ва амалияи илми педагогика, методикаи таълими информатика ва такмили раванди омодасозии мутахассисони соҳаи информатика аҳамияти муайян доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода ва 8 адади боқимондаашро маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳияи асосҳои методӣ ва шароитҳои педагогии таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ бо истифода аз тадқиқотҳои таҷрибавӣ дар раванди омодасозии информатикони оянда ва коркарди модели методии таълими фанни «Моделсозии математикӣ ва компютерӣ» иборат аст, ки ташаккули малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва амалии донишҷӯёнро дар раванди омӯзиш таъмин менамояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти ба дастомадаро асоснокии назариявию методологии таҳқиқот, истифодаи мақсадноки методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ба инобат гирифтани хусусиятҳои омодасозии касбии информатикони оянда, истифодаи тадқиқотҳои таҷрибавӣ дар таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ, татбиқи усулҳои моделсозии математикӣ ва компютерӣ, мушоҳида, пурсиш, санҷиш, суҳбат, баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳӣ, инчунин таҳлил ва коркарди натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-таълимӣ таъмин менамояд. Эътимоднокии натиҷаҳо ҳамчунин ба муқоисаи нишондиҳандаҳои бадастомада, истифодаи усулҳои миқдорӣ ва коркарди омории маълумоти таҷрибавӣ ва санҷиши амалии натиҷаҳои пешниҳодшуда дар раванди таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ асос меёбад.

Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ

Диссертатсияи Садриддинзода Бахтовар Садриддин дар мавзуи «Асосҳои методии таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар омодасозии мутахассисони самти информатика» мутобиқ ба талаботи банди 53-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар хулосаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия Садриддинзода Бахтовар Садриддин баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32–33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295 тасдиқ

шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ ва мустақилона анҷомёфта буда, таҳқиқоти ҳамаҷониба масъалаҳои таҳияи асосҳои методӣ ва роҳҳои такмили таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ бо истифода аз тадқиқотҳои таҷрибавӣ дар раванди омодасозии информатикони ояндаро фаро гирифта, ба ташаккули малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва амалии донишҷӯён равона гардидааст.

Дар диссертатсия пешниҳоду хулосаҳои илмии асоснок ва боэътимод коркард шудаанд, ки онҳоро дар такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои меъёрию-ҳуқуқии соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Садриддинзода Бахтовар Садриддин истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иктибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона омода шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи номзадии Садриддинзода Бахтовар Садриддин дар мавзуи «Асосҳои методии таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар омодасозии мутахассисони самти информатика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) баррасӣ намуда, дар асоси бандҳои 57-60-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) қарор менамояд:

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи номзадии Садриддинзода Бахтовар Садриддин дар мавзуи «Асосҳои методии таълими моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар омодасозии мутахассисони самти информатика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти

касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

3. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд: **Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҳабибуллозода Карорматулло Ҳамбибулло** – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру панҳкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

5. Пешниҳод мегардад, ки барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои физикаю
математика, профессор Ҷуразода Х.Ш.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои физика ва
математика, дотсент Абдураҳимов А.О.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мавлоназаров С.С.

Имзоҳои д.и.ф.-м., профессор Х.Ш. Ҷуразода, н.и.ф.-м., дотсент А.О. Абдураҳимов *ва н.и.п., дотсент С.С. Мавлоназаров-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Н.Хусрав Исҳоқзода М.М.